**Тақризи**

**роҳбари илмӣ доктори илми филология, профессор Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода ба диссертатсияи Раҳимӣ Мичгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик пешниҳорд шудааст.**

**-Душанбе, 2023.-190 саҳифаи чопи компютерӣ.**

Диссертатсия Раҳимӣ Мичгона Раҳим дар мавзуи "Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим) ба яке аз масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносии тоҷик ихтисос дошта, бо мавзуъҳои таҳқиқоти илмии самти адабиётшиносӣ ва барномаҳои таълимӣ иртиботи бевосита дорад. Тақиқи мавзуи диссертатсияи М.Р. Раҳимӣ аз чанд ҷиҳат дорои аҳамияти илмист: Аввалан, татбиқи сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон, алалхусус таъкиду дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар мавриди нақшу мақоми зан-модар дар ҷомеа ва бозтоби онро дар шеъри замони Истиқлол муайян менамояд. Сониян, мавқеъ ва нақши зан-модари тоҷикро дар умури сиёсию иҷтимоии ҷомеаи кунунӣ таъйин намуда, таҳаввули тасвири симои зан-модарро дар шеъри замони Истиқлол мушаххас менамояд. Солисан, таҳқиқи мавзуи диссертасия дорои аҳаммияти илмию адабӣ ва зебоишиносию ахлоқӣ буда, дар таҳқиқ ва муаррифии адабиёти замони Истиқлол ва арҷ гузоштан ба суннатҳои миллӣ, ки дар онҳо зан-модари тоҷик нақши асосӣ дорад, замина мегузорад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар як боб вобаста ба мавазуи таҳқиқ дорои фасл ва зерфаслҳоянд, хулоса, тавсияҳои методӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар муқаддима мубрамӣ, аҳамият ва зарурати таҳқиқи мавзуъ бо далоили илмӣ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои он дақиқ муайян шудаанд. Ҳамчунин, сарчашма, методологияи таҳқиқ, арзишҳои амалию назарӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои меҳварӣ барои дифоъ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Барои таҳқиқи дақиқи таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол диссертант дар боби аввал, ки "Сайри таърихии тасвири симои зан модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ" унвон дорад, заминаҳои пайдоиши ин образ ва ташаккулу таҳаввули онро дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ баррасӣ намудааст. Бо ин мақсад дар фасли аввал симои зан-модар дар устураҳо ва адабиёти аҳди бостони форсӣ-тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, бо такя ба муҳимтарин сарчашмаҳо мавзуъро ҳал намудааст.

Фасли дуюми боби якум "Тасвири симои зан-модар дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ" аз ду зерфасл иборат аст. Аз он сабаб, ки адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ дар асоси меъёру боварҳои исломӣ ташаккул ёфтааст, унвонҷӯ дар зерфасли аввал симои зан-модарро дар

Қуръону суннат ва дар зерфасл дувум бозтоби заиситезии ҷомеаи асримиёнагӣ дар адабиёти ин давра таҳқиқ намудааст. Натиҷаҳои аз таҳқики мавзуъ ба дастовардаи муаллифи диссертатсия пояи илмӣ дошта, аз бозфтҳои муҳими ӯ ба шумор меравад.

Аз он сабаб, ки адабиёти муосири тоҷик яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва заминаи муҳимми таҳаввули шеъри замони Истиқлол аст, диссертант тасвир ва тавсифи образи зан-модарро дар шеъри ин давра таҳқиқ намуда, муҳимтарин мушаххасотии таҳаввули мавзуъро дар ин давра мушаххас намудааст. Аз баррасӣ ва таҳқиқи сайри таърихии тасвири симои зан модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба хулосаи дурусти илмӣ омада, ки қобили қабуланд. Аз ҷумла натиҷаи зерро метавон аз навгониии муҳимми диссетант ҳисобид: "Мафҳуми зан-модар ва мақоми бузург доштани ӯ дар зиндагии инсон боис шуда, ки тамоми расму русум, дини оин, ҷашнҳо, эътиқоту боварҳо ва умуман тамоми суннатҳои миллии мардуми тоҷик тавъам бо исми ин отифаи ҳусну зебоию ишқ ва намодҳи меҳрубонию ҷонфидоӣ рақам хурад. Суннатҳое, ки имрӯз дар шеъри муосири тоҷик ҳангоми тасвири симои зан-модар ба назар мерасанд, реша дар қаъри асрҳо доранд" (рисола, саҳ.,12).

Қисмати асосии диссертатсияи М. Р. Раҳимиро бобҳои дувуми севум ташкил медиҳанд. Дар боби дувум, ки "Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол» унвон дошта, дорои се фасл аст, диссертант нахуст, истилоҳи "адабиёти замони Истиқлол" тавзеҳ дода, ҳудуди замонӣ ва шоирони ин давраро таъйин намудааст. Муаллифи рисола дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқон ва раванди таҳаввули шеъру солҳои зиндагии шоирон адибони замони Истиқлолро ба ба се насл тақсим намуда, мавзуъро ба таври густарда таҳқиқ намудааст. Бино ба иллати доманаи фарох доштани мавзуъ диссертант аз ҳар се насли шоирони замони Истиқлол ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салимро ба ҳайси сарчашмаи асосӣ интихоб намуда, бо таҳқиқи ашъори онҳо муҳимтарин хусусияти раванди таҳаввули тасвири симои зан-модарро дар шеъри ин давра бо далоили илмӣ собит менамояд.

Дар фасли аввали боби дуюм диссертанд таҳаввули тасвири симои зан-модарро дар шеъри насли аввали замони Истиқлол бо такя ба ашъори Раҳмат Назрӣ таҳқиқ намуда, ба хулосаҳои дурусти илмӣ омадааст. Аз таҳқиқи муаллифи рисола бармеояд, ки шоирони насли аввал,ки таҷрибаи ғанӣ дар шеъру шоирӣ доштанд, тавонистанд вобаста ба фазои мусоиди замони бозсозӣ ормонҳои нуҳуфтаи миллатро ба риштаи тасвир кашанд ва ба бедории миллӣ замина гузоранд. Аз таҳқиқи ашъори ба зан-модар бахшидаи Раҳмат Назрӣ муаллиф ба натиҷа мерасад, ки шоир дар сурудани мавзуи мавриди таҳқиқ такя ба суннат ва оинҳои миллӣ дорад ва аз лиҳози ҳунар низ шеърааш хеле қавию муҳкам буда, гувоҳи таҳаввулу такомули мавзуи мазкур дар шеъри шоирони насли аввали замони Истиқлол аст.

Дар фасли дувуми боби дувум муаллифи рисола рушду такомули тасвири симои зан-модарро дар шеъри насли дувуми замони Истиқлол дар заминаи ашъори Фарзона баррасӣ намуда, дар баробари нишон

додани таҳаввули мавзуъ, вижагиҳои шеъри шоирро ҳангоми тасвири мавзуъ бо далелҳои илмӣ собит намудааст.Хулосаи муаллифи рисола дар ин замина ҷолиби таваҷҷуҳ буда, пояи баланди илмӣ дорад ва аз таҳқиқи густардаи мавзуъ гувоҳӣ медиҳанд: "Дар шеъри Фарзона мавзуи тасвири симои зан-модар бо мазмуни тозаву ороиҳои нодири адабӣ зинат ёфта, таҳаввули бештареро касб кард. Шеърҳои ба зан-модар бахшидаи Фарзона аз намунаи беҳтарин ашъори шоирони насли дуюми замони истиқлоланд ва баёнгари таҳаввули мавзуи мазкур дар адабиёти давраи мавриди назаранд" (автореф,саҳ.,18).

Дар фасли севуми боби дуюм бо такя ба ашъори Озар Салим хусусиятҳои асосии таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри насли севуми шоирони замони Истиқлол таҳқиқ шуда, мушаххасоти шеъри шоирони ҷавон равшан гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия, ки «Ҷанбаҳои ҳунарии шеъри замони Истиқлол дар тасвири симои зан-модар» унвон дорад, диссертант ҳунари тасвиророии шоирони ин давраро ҳангоми тасвири симои зан-модар дар мисоли шеърҳои Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим таҳқиқ намудааст. Воқеан, таъйини ороиҳои ҳунарӣ дар тасвирҳои шоирона ва завқи зебоишинохтии шоирони замони Истиқлол ҳангоми тасвири симои зан-модар аз бозёфти илмии муаллиф ва навгонии муҳимми диссертатсия ҳисобидан мумкин аст.

М.Р. Раҳимӣ натиҷаҳои бадастомадаро аз таҳқиқи мавзуъ дар "Хулоса" ба таври мухтасару ихчам дар 17 банд пешниҳод кардааст, ки пояи баланд илмӣ доранд. Диссертант тавсияҳои методии худро дар мавриди истифодаи амалии натоиҷи бадастомада дар 8 банд пешниҳод намуда, ки корбурди онҳо ҳангоми таҳқиқи адабиёти замони Истиқлол барои муҳаққиқон ва ҳамчунин дар навиштани китобҳои дарсӣ ба сифати дастур хидмат карда метавонанд.

Дар диссертатсияи М.Р. Раҳмиӣ бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷик таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол ба таври монографӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифта, заминаҳои ташаккулу таҳаввули мавзуъ муайян гардидааст. Аз ҷумла, бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик мавқеъи зан-модар дар ҷомеаи ақвоми ориёӣ бо такя ба муҳимтарин сарчашмаҳо муайян гардида, бозтоби он дар осори адабии аҳди бостон нишон дода шудааст. Ҳамчунин, сабабҳои занситезию пасту заиф шумориданӣ зан дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он дар адабиёти ин давра бо далелу мадракҳои илмӣ бо овардани шоҳидҳои шеърӣ собит гардидааст. Таъйини ороиҳои ҳунарӣ дар тасвирҳои шоирона ва завқи зебоишинохтии шоирони замони Истиқлол ҳангоми тасвири симои зан-модар, ки дар адабиётшиносии тоҷик камтар ба назар мерасад, аз бозёфти илмии диссертант ва навгонии муҳимми диссертатсия мебошанд.

Диссертатсия аз нигоҳи назариявӣ ва илми қавӣ буда, ба ҳама меъёрҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон нисбат ба таҳқиқотҳои номзадӣ пешниҳод кардааст,

ҷавобгӯст. Натоиҷаи илмӣ, тавсияҳои методӣ ва хулосаҳои диссертант пояи илмӣ дошта, бо санадҳои боэътимод асоснок карда шудаанд. Забони диссертатсия сода, равон ва мувофиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ мебошад.

Ба ҳамин тартиб, диссертатсияи М.Р. Раҳмӣ дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.00.01-Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст,таҳқиқоти мукаммалу анҷомёфта буда, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад. Ба сифати роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ доктори илми филология,
профессори кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода                    Исрофилниё Ш.Р.
«5» 03 соли 2024.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Деҳи боло,162
Тел.: (+992) 93 36 70 999;900909696
E-mail: isrofilniyo@ mail.ru
«5» 03 соли 2024.

Имзои Ш.Р. Исрофилниёро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода                    Юсуфова Б.F.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 17/6.
Телефон: +992-37) 2325029; 2325000,факс: +992372325003.
E-mail: rectorat/dbzkht.tj@mail.ru
«6» 03 соли 2024.